# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 014 дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

«21» 02 соли 2024 №51 ш.Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пас аз шунидани хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ дар ҳайъати – д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О. (раиси комиссия), д.и.и., дотсент Аминов И., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. қарор қабул кард:

1.Хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба масъалаи мутобиқ будани диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба самти ихтисоси зикршуда ва фаъолияти шурои диссертатсионӣ тасдиқ карда шавад.

2.Диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Ашуров Ихтиёр Саидович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- **Фатҳуллозода Абдухолиқ Фатҳулло** – номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ;

Ба ҳайси муассисаи пешбар **Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4.Рӯйхати зерини аъзои шуро, ки мутахассис оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда мебошанд, тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қандиёрова Д.О.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аминов И.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирсаидов С.А.
- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Б.Г.

5. Санаи ҳимоя 26 апрели соли 2024 таъин карда шавад.

6.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

7. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо теъдоди 100 нусха бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

8. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

Дар асоси варақаи ҳузур дар ҷаласа 14 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ иштирок намуданд.

Қарори ҷаласаи шуро якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**